ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ,

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Аҳмадов Сафармад Гадомадович ба диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯи ихтисоси 6D 020500 – Филология (6D 0205001– Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст.

Таҳқиқи рӯзгор ва осори намояндагони алоҳидаи доираи адабии Вахшонзамин дар даврони муосир аз ҷумлаи масоили муҳимму зарурии илми адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Муҳим будани масъалаи мазкурро ҳамин омил таъйид менамояд, ки дар адабиётшиносии даврони шуравӣ ба мавзуи мазкур хеле кам таваҷҷуҳ зоҳир мегардид ва бисёр паҳлуҳои ба нақду баррасӣ ниёзманди он аз назари аҳли таҳқиқ дур монда буд. Аз ҷумлаи намояндагони ин доираи адабӣ Ғаффоралӣ Сафар аст, ки осори манзуму мансури арзишманде ба ёдгор гузоштааст. Бо дарназардошти ҳамин нуктаҳое, ки арз гардиданд, таҳқиқу арзишдоварии рӯзгор ва осори Ғаффоралӣ Сафар дар адабиётшиносии муосири тоҷик кори муҳимму зарурист, ки унвончӯ – Лайламои Худойназар ба он даст задааст.

Муаллифи диссертатсия Лайламои Худойназар омӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мебошад.

Мавсуф соли 2013 Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳозира Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»)-ро аз рӯи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, соли 2019 магистратураи факултети филологияи тоҷики муассисаи номбурдаро аз рӯйи ихтисоси филологияи тоҷик ба анҷом расонидааст. Солҳои 2020-2023 дар докторантураи доктор PhD- и ҳамин муассисаи таълимӣ аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология таҳсил намудааст.

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз таърихи 11.09.2025, таҳти №1/43 ба докторант аз рӯйи ихтисос (PhD) дар бораи супоридани имтиҳоноти маҷмуӣ маълумотномаи академӣ додааст.

Мавзуи диссертатсияи докторант дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар аз 29.09.2020, суратмаҷлиси №2 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар адабиётшиносии муосири тоҷик ягона пажӯҳиши густарда ва фарогири илмиест, ки ба таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар бахшида шуда, дар он мухтасари шарҳи ҳол, осори гуногунжанри адабӣ, мавзую мундариҷаи ғоявӣ ва сохтори ҳунарии осори манзуму мансури адиб ба таври мукаммалу муфассал мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор гирифтааст.

Ҳадафи асосии Лайламои Худойназар аз таълифи диссертатсия таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи мазмун ва мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои жанрӣ ва сохтори ҳунарии эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар буда, ӯ барои расидан ба ин ҳадаф ҳалли як зумра масоилеро, амсоли таҳлилу баррасии зиндагиномаи адиб, мавзуъ ва мундариҷаи осори манзум ва мансур, таҳқиқи вижагиҳои жанрӣ ва сохтори ҳунарии эҷодиёти ӯро ба зимма гирифта, тавре мушоҳида нишон медиҳад, ба ин аҳдофи худ муваффақ низ гардидааст.

Натиҷа ва хулосаҳои илмии бадастовардаи Лайламои Х. ҷанбаҳои амалии илми адабиётшиносии муосири тоҷикро дар робита бо таҳқиқи вазъи адабиёти тоҷик дар даврони Истиқлол, бахусус авзои доираи адабии Вахшонзамин, тақвият бахшида, аз маводи диссертатсия метавон зимни таҳқиқу баррасии масъалаҳои алоқаманд истифода бурд.

Ҷанбаҳои назарӣ ва натиҷаҳои андухта аз таҳқиқ дар омӯзиши бисёр масъалаҳои мубрами адабиётшиносии тоҷик ҳамчун замина ва сарчашмаи муътамад қобили истифодаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби аввали диссертатсия **«Ҳаёт ва эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар»** унвон дошта, аз чор фасл фароҳам омадааст. Дар фасли нахустини ин боб, ки «Шарҳи ҳол ва мероси адабии Ғаффоралӣ Сафар» унвон дорад, маълумоти мухтасари шарҳиҳолӣ пешниҳод шудааст.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия «Хусусиятҳои жанрии ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар» унвон дошта, аз чор зерфасл таркиб ёфтааст. Дар ҳар яке аз ин зерфаслҳо яке аз жанрҳои маъмули осори манзуми Ғаффоралӣ Сафар, аз ҷумлаи рубоиву дубайтӣ, ғазал, фардбайт ва чаҳорпораву шеъри нимоӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли сеюми боби аввали диссертатсия «Мавзуъҳои асосӣ ва мундариҷаи ғоявии эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар» унвон дошта, ба таҳқиқи муҳимтарин мавзуъҳо ва дарунмояи ашъори адиб бахшида шудааст.

Дар фасли ниҳоии ин боб унвончӯ ба нақду баррасии воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар машғул гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Назми бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар**» унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали ин боб вижагиҳои сабкӣ ва услубии ашъори бачагонаи шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли дуюми ин боб, ки «Ҷанбаи тарбиявӣ ва маърифатбахшии ашъори бачагонаи шоир» номгузорӣ шудааст, ба таҳлилу баррасии хусусияти тарбиявии шеърҳои барои кӯдакон эҷодкардаи Ғаффоралӣ Сафар бахшида шудааст.

Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия ба таҳлилу баррасии вижагиҳои шаклӣ ва мазмунии чистону тезгӯякҳои Ғаффоралӣ Сафар бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Мавқеи ҳаҷву мутоиба дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар» унвон дошта, аз ду фасл ва чор зерфасл мураттаб гардидааст. Фасли аввали ин боб «Осори мансури ҳаҷвӣ» номгузорӣ шуда, фарогири чор зерфасл аст. Дар зерфасли аввал мутоиботи Ғаффоралӣ Сафар, дар зерфасли дуюм латифаҳо, дар зерфасли савум масалҳо ва дар зерфасли чорум дигар анвои мансури ҳаҷвиёти адиб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Фасли дуюми боби сеюми диссертатсия ба таҳлилу баррасии осори манзуми ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар бахшида шудааст.

Унвончӯ дар қисмати **«Хулоса»** аз мабоҳис ва матлабҳои диссертатсия дар 20 банд натиҷагирӣ кардааст. Инчунин, дар ҳамин қисмати кор дар 6 банд тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод шудааст.

Маълум аст, ки диссертант ба моҳияти масъалаи ба ӯ вогузоршуда хуб сарфаҳм рафта, барои мувофиқи талабот ҳаллу фасл намудани он кӯшишҳои қобили таҳсин анҷом додааст. Тарзи масъалагузории унвончӯ ва равишҳои илмии таҳлилу баррасии ин масоил пазируфтанӣ буда, мабоҳиси баррасишуда огоҳии комили ӯро аз мавзуъ ойинадорӣ мекунанд.

Забони диссертатсия забони илмӣ буда, баёнгари дониши фарохи муаллиф доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ аст. Диссертант аз равишҳои таҳқиқии муосир, алалхусус равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ ва ғайра огоҳона истифода бурда, мавзуъро ба таври комил ҳаллу фасл намудааст.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия нашр намудааст (5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 мақола дар маҷмуа ва нашрияҳои дигар), муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи унвончӯи дараҷаи илмӣ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D 020500 - Филология (6D 020501- Адабиёти тоҷик) комилан мувофиқат мекунад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Ба ҳамин тартиб, диссертатсияи Лайламои Худойназарро дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D 020500 - Филология (6D 020501- Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст, ба талаботи

диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй дониста, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои
филологӣ, дотсенти кафедраи
адабиёти тоҷики ДДБ ба номи
Носири Хусрав Аҳмадов С.Г.
«26» августи соли 2025.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи С.Раҳимов, 7/26
Тел.:(моб.) (+992) 988-15-75-81
E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru

Имзои С.Г. Аҳмадовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.
«26» августи соли 2025.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3222) 2-45-20, 2-22-53
E-mail: bsu78@mail.ru.